Ба Шурои диссертатсионии
6D.KOA-O12 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734061, ш. Душанбе, кӯчаиДехотӣ,1/2

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Каримова Манзура Темуровна ба диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзуи «Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) пешниҳод шудааст**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.

Таҳқиқоти ба анҷомрасонидашуда ба талаботи бандҳои: “1-Таҳияи стратегияи рушди бозори хизматрасонии нақлиётӣ ва гумрукӣ дар кишвар, минтақаҳо ва соҳаҳо; 3-Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ; 5-Баҳодиҳӣ ба тамоюл ва қонуниятҳои рушди гардиши мол дар савдои байналмилалӣ ва ҳамлу нақли онҳо; 17-Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ ва ҷойгиршавии ратсионалии сохторҳои онҳо; 22-Рушди инфрасохтори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ; 24-Мазмун, масоил, дурнамои такмили фаъолияти тиҷорати байналмилалӣ ва роҳҳои амалисозии онҳо; 25-Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии хизматрасониҳои нақлиётӣ ва тарифию гумрукӣ; 28-Таъмини сатҳу сифати хизматрасонӣ дар субъектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ; 31-Ташкили барасмиятдарорию назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ, беҳдошти гузаронидани экспертизаи гумрукӣ ва бозрасии мусофирон ҳангоми ҳамлу нақли байналмилалӣ; 41-Механизми танзими тарифию ғайритарифии гумрукӣ ва мукаммал гардонидани раванди интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ” Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) пурра мутобиқат менамояд.

**2. Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Дар шароити муосир расидан ба ҳадафҳои стратегии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда бо назардошти вусъати воридоту содироти молҳо, афзудани истеҳсоли маҳсулоту иқтидори содиротии кишвар ва беҳдошти фаъолияти мақомоти гумрукӣ вобастагии беназир дорад. Дар ин раванд ташаккули комплекси гумрукии ҷумҳурӣ ва созмон додани инфрасохтори он дар асоси таҳкими алоқаҳои дохилию берунии фаъолияти иқтисодиёти кишвар ва бартараф намудани номувофиқати он ба талаботи муаяйншуда дар ҷойи аввал гузошта шуд.

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ барои рушди инфрасохтори иқтисодиёт, бахусус, сохтмон ва барқарорсозии шабакаҳои роҳи автомобилгард ва роҳи оҳан, аэродромҳо, ҳаҷми зиёди маблағгузориҳои дохилию хориҷӣ равона карда шуда, пулҳо ва нақбҳо бунёд ва ташаккули шабакаи такягоҳӣ ва рушди долонҳои байналмилалии нақлиётӣ, ки аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаранд, шароит фароҳам оварда шуд. Дар маҷмӯ ин имконият дод, ки ҳаракати озоди шаҳрвандон, молҳо ва фаъолияту тағйир ёфтани тарзи ҳаёти аҳолию самти соҳаҳои иқтисодиётро таъмин намуда, ба рушди муносибатҳои бозаргонӣ дар иқтисодиёти миллӣ, ташаккули бозори хизматрасонии гумрукӣ, рушди босуръати соҳибкорӣ ва рақобат мусоидат намояд. Аз тарафи дигар зарурати рушди босуботи муносибатҳои иқтисоди байналмилалию ҳамаи намудҳои нақлиёт, самаранок истифода бурдани имкониятҳои содиротии кишвар, ташкили фаъолияти мақомоти гумрукӣ бо назардошти интихобу истифодаи оқилонаи низомҳои гумрукӣ, ҳангоми амалисозии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 вазифаи асосӣ ва аввалиндараҷа ҳисобида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки бисёр масъалаҳое, ки дар фаъолияти мақомоти гумрукӣ, дигаргуншавии шароити хоҷагидорӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ, номукаммал будани механизми муосири интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ то ҳоло ҳалли худро наёфтаанд. Бо назардошти ин зарурати мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст ва ин аз мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертасионии Ғаюрова Рано Саидмуродовна гувоҳӣ медиҳад.

**3. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Масъалаҳои дар диссертатсия гузошташуда ҷанбаҳои муҳими назариявӣ ва методии мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукиро

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир дар бар мегирад. Бояд тазаккур дод, ки ҳануз ҳам дар адабиёти муосири илмӣ нисбати муносибатхои ташкиливу иктисодии идоракунии фаъолияти гумурукӣ ва низомҳои гумрукӣ ақидаи ягона мавҷуд нест.

Дар ин радиф бояд қайд намуд, ки асоси назариявию методии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла, идоракунии фаъолияти мақомоти гумрук бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Муқаррароти илмии назарияҳои асосии иқтисодӣ доир ба принсипҳои идоракунии субъектҳои муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ таҳқиқ гардида, мазмуни категорияҳо ва мафҳумҳои алоҳидаи фаъолияти гумрукӣ ба тариқи муфассал ошкор карда шаванд.

Дар раванди таҳқиқи рисола усулҳои таҳлил ва синтез, индуксия, дедуксия, абстраксияи илмӣ, амсиласозии мантиқӣ, пурсиши сотсиологӣ, коррелятсионӣ-регрессионӣ ва ғайра истифода шудаанд. Ба сифати усули асосӣ принсипи муносибати системавӣ интихоб гардида дар асоси он мантиқи умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ сурат гирифтааст.

Дар диссертатсия муаллиф Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маводи иттилоотию таҳлилии нашрияҳо ва сомонаҳои шабакаи Интернетӣ, барномаҳои давлатӣ ва соҳавӣ, стратегияҳои давлатӣ, маводҳои конференсияҳои илмии сатҳҳои гуногун, монографияҳо истифода намудааст.

Бояд қайд намуд, ки дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси истифодаи маълумотҳои дақиқи оморӣ, натиҷагирии натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот вобаста аст. Пешниҳоду тавсияҳо дар асоси таҳлили асосноки илмии натиҷаҳои таҳқиқоти ба анҷом расонида шуда сурат гирифтааст. Инчунин натиҷаҳои ба дастовардаи муаллифро, метавон дар раванди такмили стратегии масъалаҳои рушди оптималӣ ва ҷойгиршавии ташкилотҳои гумрукӣ дар минтақаҳо мувофиқи талаботи иқтисодиёти онҳою амали гардонидани сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат истифода бурд.

Ба андешаи мо унсурҳои илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои диссертатсия, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муаллиф гузошташударо хеле саҳеҳ нишон медиҳанд қисматҳои мухталифро дар бар мегиранд.

Дар рисола моҳият ва нақши бозори хизматрасонии гумрукӣ дар сохтори иқтисодиёти миллӣ муайян карда шуда, таснифи намудҳои ин хизматрасониҳо ҷиҳати таъмини фаъолияти иқтисоди хориҷӣ гузаронида шудааст. Дар ин радиф ҷойи хизматрасониҳои гумрукӣ барои пешбурди амалиётҳои тиҷоратӣ ва логистикӣ, иҷрои талаботи меъёрию ҳуқуқии байналмилалӣ нисбати механизми танзими давлатии фаъолияти иқтисоди бурунмарзӣ, интихобу истифодаи низомҳои гумрукӣ таҳқиқ крда шудааст.

Таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонии рушди низоми идоракунии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ омӯхта шуда, истифодаи он ҳангоми пешбурди беҳтарсозии фаъолияти мақомоти гумрукӣ дар Тоҷикистон сурат гирифта, тафовут дар таркиби низомҳои гумрукӣ дар амалияи матлакатҳои хориҷии дуру наздик омӯхта шудааст. Дар асоси баррасии ҳаматарафаи таҷрибаи хориҷӣ истифодаи равишҳо ва принсипҳои асосие, ки барои рушди хизматрасонии давлатӣ ва амали намудани низомҳои гумрукӣ муайян карда шудаанд.

Ба баррасии ҷабҳаҳои консептуалии интихоб, идоракунӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ диққати махсус дода шуда, методологияи идораи оқилонаи мақомоти гумрук дар асоси истифодаи амсилаи самараноки идора ва низомҳои гумрукӣ пешниҳод гардидааст. Инчунин таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳою истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мамлакат дар асоси таҳқиқи динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ гузаронида шуда, намуди амсилаҳои вобастагии истифодаи намудҳои ҷудогонаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2015-2022 ва мудириятҳои минтақавии шаҳри Душанбею Турсунзода, Вилояти мухтори Бадахшони Кӯҳӣ, Суғд ва Хатлон коркард карда шуда, камбудиҳои ҷойдошта муайян шудаанд.

Дар асоси истифодаи таҳқиқи системавӣ омилҳое, ки ба рушди хизматрасониҳо ва низомҳои гумрукӣ таъсир мерасонанд муайян карда шуда, амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи ин низомҳо дар мақомоти гумрук гузаронида шудааст. Натиҷаи ба даст омада ба мақомоти гумрук имконият медиҳанд, ки сатҳи банақшагирӣ ва идораи фаъолият дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, сари вақт гузаронидани назорати гумрукӣ, ҳимояи манфиатҳою бехатарии иқтисодии Тоҷикистон таъмин карда шуда, рушди босуботи муносибатҳои байналилалӣ дар соҳаи гумрукӣ дар сатҳи ҷавобгӯ ба талаботҳои мавҷуда ба роҳ монда шавад.

Дар рисола ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ дар шароити муосир бо назардошти муайян намудани ҳадафҳои асосӣ ва афзалиятҳои хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ; самтҳои асосии такмили фаъолияти гумрукӣ; такмил додани қонунгузории гумрукӣ ва амалисозии иҷрои вазифаҳои фискалӣ; такмил додани фаъолияти мақомоти гумрук дар самти таъмини риояи мамнуният ва маҳдудиятҳо; беҳдошти фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ; истифодаи технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ ва истифодаи намудҳои муосири экспертиза ва таҳқиқот ҳангоми гузаронидани назорати гумрукӣ; такмили раванди тайёр

намудану бозомӯзии кадрҳо; рушди инфрасохтори гумрукӣ ва ғ. Ба роҳ монда шудааст. Инчунин баҳодиҳии беҳдошти сатҳи хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ асоснок карда шуда, чораҳои мушаххас бо назардошти интихобу истифодаи оқилонаи ин низомҳо пешниҳод гардидааст. Дар асоси истифодаи усули PESTLE-таҳлил баҳодиҳии самаранокии сифати хизматрасониҳои гумрукӣ амалӣ карда шудааст.

Дурнамои рушди афзалиятноки хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Тоҷикистон то соли 2030 мутобиқи асосноккунӣ ва натиҷаи ҳисобҳои экспериментали ва амсиласозии иқтисодию риёзӣ пешниҳод гардидааст, ки қисматҳои зеринро дар бар мегиранд:

1.1.таҳкими модели рушди инноватсионии пояи моддию техникии мақомоти гумрукӣ ва баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт;

1.2.таъмини рушди инфрасохтори мақомоти гумрукӣ бо мақсади интихобу истифодаи оқилонаи низомҳои гумрукӣ;

1.3.беҳдошти алоқаи мутақобилаи ратсионалӣ байни мақомоти гумрук, ташкилотҳои нақлиётӣ, логистикӣ ва терминалҳои боркашонию мусофиркашонӣ;

1.4.интихоб ва истифодаи самараноки фаъолияти намудҳои махсуси фаъолияти гумрукию рушди хизматрасонии гумрукию терминалӣ;

1.5.тарҳрезии модели инноватсионии рушд ва мукаммалгардонии сиёсати гумрукӣ ва ғайра.

**4. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он**

Бояд қайд кард, ки рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт аз 179 номгӯй ва 10 замима иборат буда дар 209 саҳифаи чопӣ, 19 ҷадвал, 28 расму чор замима пешниҳод гардидааст.

Дар **муқаддима** (саҳ. 4-15) мубрамияти мавзуи рисола, дараҷаи коркарди илмии масоил, мақсад ва вазифаҳои он, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳо, самти таҳқиқот ва дар амалия татбиқ намудани натиҷаҳои бадастомада дарҷ шудаанд.

Дар боби аввали рисола **«Асосҳои назариявию методии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар шароити рушди муносибатҳои иқтисоди бозорӣ»** (саҳ. 16-71) **ҷанбаҳои** илмӣ, моҳият ва хусусиятҳои эмпирикии ташкили нақши бозори хизматрасониҳои гумрукӣ таҳқиқ шуда, низомҳои гумрукӣ ва хусусияти истифодабарии онҳо дар шароити муосири иқтисодӣ баҳо дода шуда, таҷрибаи ҷаҳонии рушди низоми идоракунии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ омӯхта шудааст.

Аз тахлили зербоби аввали боби якуми диссертатсия бар меояд, ки бо и истифодаи маводҳои зарурӣ асосҳои илмӣ асосҳои назариявию методии

истифодаи низомҳои гумрукӣ дар шароити рушди муносибатҳои иқтисоди бозорӣ бо назардошти нақши онҳо дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар таҳқиқ карда шудааст. Дар ин радиф унсурҳое, ки мавҳуми хизматрасонии гумрукиро ташкил медиҳанд омӯхта шуда, равишҳои умумӣ ба таснифоти хизматрасониҳои гумрукӣ сурат гирифтааст. Инчунин таснифи номгӯи хизматҳо барои пешбурди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, намудҳои хизматрасониҳои гумрукӣ, ки ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ пешниҳод карда мешаванд сурат гирифтааст.

Дар маҷмӯъ, бояд қайд намуд, ки дар шароити муосир хизматрасониҳои гумрукӣ дар раванди пешбурди амалиётҳои воридотию содиротӣ ҷойи махсусро ишғол намуда, аз баланд бардоштани самаранокии онҳо ва рушди босуботи бозори хизматрасониҳои гумрукӣ бо назардошти истифодаи низомҳои гумрукӣ, таъмини босуботи иқтисодии Тоҷикистон ба даст оварда мешавад.

Дар зербоби дуюми ин боб натиҷаи арзёбии низомҳои гумрукӣ ва хусусияти истифодабарии онҳо дар шароити муосири иқтисодӣ дидабаромада шудааст. Гурӯҳбандии низомҳои гумрукии иқтисодӣ дар механизми танзими гумрукии мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудаст. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ҳангоми баррасии низомҳои гумрукӣ зарур аст, ки ба омӯзиши мавқеи минтақаҳои назорати гумрукӣ диққати махсус дода шавад. Инчунин дар раванди риоя кардани низоми гумрукии арзшуда ва шартҳои иҷозати мол ташкилотҳои гумрукӣ вазифадоранд, барои тахти низоми гумрукии арзшуда, ҷойгир намудани мол иҷозат диҳанд. Агар мамнуият ва маҳдудиятҳо дорои хусусияти иқтисодӣ намебошанд шахсон вазифадоранд, ки новобаста ба низоми гумрукии арзшуда, онҳоро риоя намоянд.

Дар зербанди сеюми боби аввал таҷрибаи ҷаҳонии рушди низоми идоракунии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ, ки дар рисола сурат гирифтааст боиси дастгирӣ мебошад. Гузариш ба модели интегративии идоракунӣ вазифаҳои навро барои дарки назариявии тамоми маҷмуи ғояҳо, принсипҳо, усулҳо ва технологияҳои идоракунии гумрук мегузорад. Дар маҷмӯ таҳлили таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки такмили системаи идоракунии хадамоти давлатӣ як қисми дигаргуниҳои мураккабтар дар соҳаи идоракунии бахши давлатӣ мебошад.

Аз тарафи дигар таҳлили таҷрибаи хориҷӣ дар доираи ин ҷузъ ба муайян кардани сабабҳои асосӣ, тамоюлҳо ва равишҳои гузаронидани ислоҳот дар ин самт дар чунин кишварҳо Британияи Кабир, ИМА, Австралия, Канада, Олмон, Малайзия, Маҷористон, Полша, Чин, Кореяи

Ҷанубӣ, Ҳолланд, Бразилия, Федератсияи Россия ва як қатор давлатҳои дигар равона карда шуд . Интихоби ин кишварҳо, аз як тараф, бо монандии мушкилоти мавҷудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз тарафи дигар, бо натиҷаҳои таъсирбахши бадастовардаи ин кишварҳо дар ҷараёни ислоҳот вобаста аст.

Дар рисола тафовут дар таркиби низомҳои гумрукӣ дар амалияи Русия, Тоҷикистон ва байналмилалӣ дида баромада шудааст. Бояд қайд намуд, ки муаллиф дуруст қайд менамояд, ки таҷрибаи ягонаи байналмилалии гумрукӣ, албатта ба низомҳои гумрукӣ низ дахл дорад, ки таркиб ва фаъолияти онҳоро мо бояд дар асоси Конвенсияи Киото оид ба сода ва танзим кардан муайян мекунад истифода бурда шавад.

Дар боби дуюми рисола **«Вазъи ҳозира ва рушди истифодаи низомҳои гумрукӣ Тоҷикистон»** (саҳ.72-115) ҷабҳаҳои консептуалии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ баррасӣ шуда, дар асоси маълумотҳои дақиқ таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳою истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шуда, амсилаҳои иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук сурат гирифтааст.

Аз баррасии рисола бар меояд, ки ҷабҳаҳои консептуалии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ яке аз марҳилаҳои муҳими таҳияи методологияи идоракунии самарабахши мақомоти гумрук бо истифодаи модели самараноки идоракунӣ ва низомҳои гумрукӣ мебошад. Бо назардошти ин дар ин зербоб блок-схемаи усули таҳлили натиҷавии идоракунии самараноки низоми гумрукӣ пешниҳод гардидааст.

Дар рисола дар сатҳи зарурӣ таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳою истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Дар ин радиф динамикаи ситонидани пардохтҳои гумрукӣ , савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, содироту воридоти молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз он тӯли солҳои 2015-2022 омӯхта шудааст.

Инчунин номгӯйи ширкатҳои брокерии гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯи низомҳои одии гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистогузаронида шудааст ва норасоиҳо муайян карда шудаанд.

Дар зербоби охирини ин боб дар сатҳи зарурӣ амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук гузаронида шуда, намуди амсилаҳои вобастагии мстифодаи намудҳои низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрукӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобастагии низомҳои гумрукӣ дар мудирияти минтақавии гумруки шаҳри Турсунзода,

шаҳри Душанбе, вилояти Суғд, вилояти Хатлон ва вилояти мухтори Куҳистони Бадахшон коркард карда шудааст. Амсилаҳои пешниҳодшуда саҳеҳ буда дар раванди пешбуриди фаъолияти гумрукӣ марвиди истифода қарор дода мешаванд.

Дар боби сеюми рисола **«Самтҳои такмили истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (саҳ.116-162) ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ дар шароити муосир дида баромада шуда, арзёбии сатҳи сифати хизматрасониҳо дар раванди истифодаи низомҳои гумрукӣ баррасӣ шудааст. Инчунин дар сатҳи зарурӣ самтҳои мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Дар зербоби аввали ин боби рисола асоснок ва пешниҳод намудани ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ дар шароити муосир дида баромада шудааст.

Дар ҳақиқат муаллиф дуруст қайд мекунад, ки ҳангоми пешниҳод ва расонидани хизматрасониҳои гумрукӣ диққати асосӣ ба ҷорӣ намудани муносибатҳое, ки дар таҷрибаи байналмилалии маъмуригардонии гумрукӣ ҷойи асосиро ишғол менамояд, зарур аст.

Ба ақидаи муаллиф вазифаҳои асосиро доир ба инкишофи инноватсионии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии мақомоти гумрукӣ муайян намудан ва тарҳрезии ҳадафи рушди минбаъдаи экспертиза ва таҳқиқотро дар татбиқи назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёту рушди ҳамкориҳои байналмилалии гумрукӣ зарур мебошад.

Дар зербоби дуюми ин боб арзёбии сатҳи сифати хизматрасониҳо дар раванди истифодаи низомҳои гумрукӣ ба роҳ монда шуда, омилҳое, ки боиси кам шудани ҳаҷми воридоти мол ба Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидаанд муайян карда мешаванд. Дар ин радиф баҳо додани системаи идоракунии сатҳу сифати хизматрасониҳои гумрукӣ дар низоми идоракунии мақомоти гумрук, таркиби сохтори системаи манфиатҳо ҳангоми идораи сатҳи сифати хизматрасониҳои гумрукӣ ва низомҳои гумрукӣ саривақтӣ мебошад. Дар рисола дар сатҳи зарурӣ натиҷаи PESTLE - таҳлили сатҳу сифати хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мудириятҳои минтақавии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон хело оқилона пешниҳод шудааст.

Дар зербоби охирини ин боб самтҳои мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти муайян намудани дурнамои ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, содироти молҳо ва

шумораи декларатсияҳои гумрукӣ, истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 муайян карда шудааст.

Ба ақидаи мо пешниҳодҳо оид ба интихоб ва истифоди низомҳои гумрукӣ дар Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зеро мубрам аст.

Дар **хулоса ва пешниҳодот** (саҳ.163-167) натиҷагирӣ аз таҳқиқоти ба анҷом расонидашуда ҷиҳати мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияҳои мушаххас доир ба истифодаи амалии онҳо дида баромада шудааст.

## 5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.

Дар асоси баррасии рисола муайян намудем, ки пешниҳодҳои муаллифро дар раванди такмил додани муқарраротӣ назариявӣ-методологӣ ва воситаҳои методии ташаккул ва мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудан бамаврид аст. Аз тарафи дигар натиҷаҳои ноилшудаи муаллифро ҳамчун маводи иловагӣ ҳангоми такмили механизми идора ва рушди фаъолияти гумрукӣ бо назардошти вазъи ҳозира, хусусиятҳои мушаххаси иҷтимоӣ- иқтисодӣ, ҳудудӣ ва эҳтиёҷоти объективии иқтисодиёти трансформатсионии бозории Тоҷикистон ба назар гирифтани, омилҳое, ки ба рушди он таъсири манфӣ мерасонанд мавриди истифода қарор додан имконпазир аст.

Инчунин аҳаммияти амалии рисола дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои муайяни онро дар раванди татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», такмили механизми идоракунии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамоӣ он метавонанд истифода шаванд.

Натиҷаҳои бадаст овардаи муаллифро метавон дар раванди ташкили бозомӯзии кормандони Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тайёр кардани мутахассисони ин соҳа дар макотиби олии кишвар дар раванди омӯзиши фанҳои «Иқтисодиёти гумрук», «Ташкили ҳамлу нақл бо нақлиёт», «Ташкили назорати гумрукии молҳо ва воситаҳои нақлиёт», «Иқтисодиёти ҳудудӣ ва соҳавӣ» истифода намуд.

## 6. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия

Новобаста аз дастовардҳои илмии муаллиф дар диссертатсия якчанд камбудиҳо ҷой доранд:

1. Дар диссертатсия асосҳои назариявию методии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар шароити рушди муносибатҳои иқтисоди бозорӣ аз тарафи муаллиф вобаста ба афзалиятҳо ва маҳакҳои ҳуҷҷатҳои стратегии мамлакат мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Новобаста ба ин на ҳамаи ҷанбаҳои назариявии барасии низомҳои гумрукӣ ва баланд бардоштани самаранокии онҳо пурратар дар шароити муосир асоснок гардидааст.

2. Аз баррасии рисола бармеояд, ки дар он таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳою истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳаматарафа омухтану муайян кардан ба роҳ монда шудааст. Мутаасифона баҳодиҳии таъсири баъзе омилҳо ба пешниҳоди хизматрасониҳо ва истифодаи баъзе низомҳои гумрукӣ сурат нагирифта, ҳисобҳои суроғавӣ гузаронида нашудаанд.

3. Дар диссертатсия арзёбии сатҳи сифати хизматрасониҳо дар раванди истифодаи низомҳои гумрукӣ дар сатҳи зарурӣ сурат гирифтааст. Мутаасифона сарчашмаҳои таъмини молиявии истифодаи моделҳо ва механизмҳои беҳдошти фаъолияти гумрукӣ дар минтақаҳои ҷудогонаи кишвар мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.

4. Бояд қайд намуд, ки дар рисола самтҳои асосии мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир пешниҳод гардидааст. Новобаста ба ин манбаъҳои амалисозии ин самтҳо дар миқёси кишвар ба пуррагӣ муайян ва натиҷагирӣ нагардидааст. Инчунин ташаккул ва рушди инфрасохтори гумрукӣ дар минтақаҳои кишвар дур аз таҳқиқ мондааст

5. Дар рисолаи тақризшаванда баъзе норасоиҳои грамматикӣ, услубӣ, орфографӣ ба чашм мерасанд. Баъзе мавҳумҳо ва категорияҳо таҳрир талаб мебошанд.

Таъкид кардан зарур аст, ки эродҳои қайдшуда сифат ва аҳаммияти илмию амалии диссертатсияро паст намекунад ва онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

## 7. Мутобиқати автореферат ва интишороти натиҷаҳои асосии диссертатсия

Автореферат ва интишороти муаллиф натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои диссертатсияро дар бар гирифта дар 23 асари муаллифӣ, аз ҷумла, даҳ мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи аттестатсионии олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ҳаҷми 7,70 ҷузъи чопӣ нашр кардааст.

## 8. Хулоса доир ба мутобиқ будани диссертатсия ба тартиби додани дараҷаи илмӣ

Тахассуси илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Ғаюрова Р.С. ба ихтисоси 08.00.05 -Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) ба пуррагӣ мутобиқат мекунад.

Дар хулоса бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Ғаюрова Р.С. дар мавзуи «Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмии мустақилона ва ба пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои асосноки илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Дар маҷмӯ бояд қайд намуд, ки рисолаи иҷро намудаи Ғаюрова Рано Саидмуродовна ба талаботи муқаррargардидаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, диссертант барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири шуъбаи таҳқиқотҳои назариявӣ
ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии Тоҷикистон Каримова М.Т.

Имзои д.и.и., дотсент Каримова М.Т.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо Қурбонов Э.Т.

**Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ,44. E-mail: kmavzuna@mail.ru. Тел.: (+992) 777001959.